# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Тоҷиддини Баҳриддин –унвонҷуи Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар мавзуи: «Танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 5.5.5. - Ҳуқуқи меҳнат; Ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ. – Душанбе, 2026.

Автореферати диссертатсияи пешниҳодгардида ба яке аз масъалаҳои муҳими муосири илми ҳуқуқ – танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар шароити тағйирёбии муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст.

Мубрамияти мавзуъ бо зарурати такмили механизмҳои идоракунии равандҳои меҳнатӣ, баланд бардоштани самаранокии ҳамкории байни давлат, корфармоён ва кормандон, инчунин мутобиқсозии қонунгузории миллии меҳнат ба талаботи муосири шарикии иҷтимоӣ ва рақамикунонии иқтисод асоснок мегардад.

Муаллиф таҳқиқоти ҳамаҷонибаи асосҳои ҳуқуқии идоракунии меҳнатро анҷом дода, моҳият, сохтор ва унсурҳои асосии онро ошкор намудааст. Қобили зикр аст, ки таҳлили таркиби субъектии идоракунии меҳнат анҷом дода шуда, нақши муҳими давлат ва дигар иштирокчиёни идоракунии меҳнат асоснок гардидааст.

Бояд таъкид намуд, ки муаллиф ба институти шарикии иҷтимоӣ ҳамчун яке аз механизмҳои калидии танзими идоракунии меҳнат диққати ҷиддӣ додааст. Дар автореферат дуруст таъкид шудааст, ки идоракунии самараноки меҳнат бидуни ҳамкории ҳамоҳангшудаи се тараф – давлат, корфармоён ва кормандон – имконнопазир мебошад.

Бахусус нуктаи назари муаллиф дар хусуси он ки дар илми ҳуқуқшиносии муосир нуқтаи назари ҳамаҷонибаи идоракунии меҳнат ҳамчун низоми бисёрсатҳа ва бисёрсоҳавӣ, ки ба принсипҳои шарикии иҷтимоӣ асос ёфтааст, бартарӣ дорад, қобили таваҷҷуҳ ва дастгирӣ аст.

Андешаи муаллиф дар бораи он ки ҳуқуқи корфармо дар идоракунии кормандон ҳамчун асос эътироф карда мешавад, аммо он бояд мутлақ ҳисобида нашавад, комилан қобили қабул буда, мувозинати он маҳз тавассути муқаррарсозии меъёри ҳатмии қонунгузорӣ (давлат); бастани шартномаҳои коллективӣ; иштироки намояндагони кормандон дар идоракунии меҳнат ва таъмини кафолатҳои ҳуқуқҳои фардии меҳнатӣ имконпазир мебошанд.

Дар ин замина, аҳамияти танзими шартномавии коллективӣ, механизмҳои гуфтушунид ва тартиботи мувофиқа ба таври асоснок нишон дода шуда, накши онҳо дар таъмини тавозуни манфиатҳои субъектҳои ҳуқуқи меҳнат ва коҳиши низоъҳои ичтимоӣ-меҳнатӣ таъкид гардидааст.

Ҳамзамон, баъзе ҷанбаҳои автореферат ба таҳлили амиқтар ва мушаххассозии иловагӣ ниёз доранд. Аз ҷумла, бо вуҷуди дуруст гузоштани масъалаи накши шарикии ичтимоӣ, дар таҳқиқот механизми институтсионалии он дар низоми идоракунии меҳнат мебоист пуррата равшан карда мешуд. Таҳлили амиқтари вазифаҳои иттифоқҳои касаба, иттиҳодияҳои корфармоён ва таъсири воқеии онҳо ба қабули қарорҳои идоракунӣ дар соҳаи меҳнат ба манфати кор аст. Тавсия дода мешавад, ки ҷанбаи муқоисавии таҳқиқот бо назардошти таҷрибаи давлатҳое, ки дар онҳо шарикии ичтимоӣ накши дар идоракунии меҳнат низомсоз дорад, васеътар баррасӣ гардад.

Бо вуҷуди эродҳои зикршуда, онҳо хусусияти асосан баҳсталаб ва тавзеҳӣ дошта, ба арзиши илмии умумии таҳқиқот таъсири манфӣ намерасонанд.

Автореферати диссертатсия шаҳодат медиҳад, ки кор ҳамчун таҳқиқоти мустақил ва анҷомёфта дорои аҳамияти назариявӣ ва амалии муҳим барои рушди ҳуқуқи меҳнат ва такмили низоми идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Бояд махсус таъкид намуд, ки таҳқиқот ба рушди консепсияи шарикии ичтимоӣ ҳамчун унсури калидии механизми муосири идоракунии

муносибатҳои меҳнатӣ саҳми назаррас мегузорад, ки яке аз самтҳои афзалиятноки рушди ҳуқуқи меҳнат ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Тоҷиддини Баҳриддин дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқ аз рӯи ихтисоси 5.5.5– Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ ба талаботи муқарраргардидаи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 5.5.5 – Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
Раиси иттифоқи касабаи
кормандони маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон Нозакзода З.З.
«6» майи 2026 с.


**Суроғаи муқариз:**
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,ш.Душанбе,
ноҳияи Шоҳмансур Айни 125
Тел.: +992 888855225
E-mail: zumka89@list.ru

**Суроғаи муассиса:**
735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,ш.Душанбе,
хиёбони Неъмат Қаробоев, 17., гузаргоҳи 1.
Тел.: +992 238-55-80; 238-55-81
E-mail: kasaba_tj@mail.ru
Сомона: www.kikmi.tj


Имзои муҳтарам З.З. Нозакзодаро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кор бо кадрҳо, ташкилӣ
ва коргузории ИККМИҶТ Раҳимов Қ.
«6» майи 2026 с.

РАЁСАТИ КОР БО КАДРҲО ТАШКИЛӢ ВА КОРГУЗОРӢ